# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2026. – 176 с.**

Давраи Истиқлоли давлатӣ бо чеҳраҳои нави композиторони Тоҷикистон ҷило дод. *Яке* аз композитори сермаҳсултарини ин давра то имрӯз Шуҳрат Ашӯров маҳсуб меёбад. Ва интихоби эҷодиёт ва саҳми ин композитор ба ҳайси мавзуи кори диссертатсионӣ барои мусиқишиносии тоҷик хеле мубрам мебошад. *Дуюм* ин, ки мавзуи мазкур ба композитори давраи Истиқлолият, яъне ба мусиқии навтарини композиторони Тоҷикистон интихоб гардидааст. Ва ин ҳам омилест, ки ҳамқадамии илми мусиқишиносии тоҷик бо эҷодиёти композиторӣ нишон медиҳад. Ва *сеюмин* омиле, ки қайд карданӣ ҳастам он аст, ки муаллифи кори диссертатсионӣ ҳамзамон ва ҳамкорони шодравон Шуҳрат Ашӯров мебошад. Ин омил эҳтироми бузург ба композитор аз тарафи ҳамкорон маҳсуб меёбад. Аз тарафи дигар аз одоби касбии муаллифи кори диссертатсионӣ далолат медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли монографияи илмӣ навишта шудааст. Он бобҳоро бахшида ба роҳи эҷодӣ, фаъолияти эҷодӣ ва саҳми композитор Шуҳрат Ашӯров ба мусиқии вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ бахшида шудаанд. Ба андешаи ман, дар бораи композиторе, ки дар борааш ҳатто ягон мақолае дар илми мусиқишиносӣ ҷо надорад, интихоби чунин шакли кори диссертатсионӣ айни муддаост.

Зеро ки диссертант ба ҳайси мақсади таҳқиқот тадқиқи аввалини эҷодиёти композиторро интихоб кардааст. Бо ин мақсад ӯ огаҳона фаъолияти эҷодии композитори давраи Истиқлоли Тоҷикистонро ҳамчун объект ном мегирад. Ва ин дуруст аст. Лекин як кори диссертатсионӣ фарогири ҳамаи паҳлуҳои эҷодии композитор, албатта, шуда наметавонад. Аз ин рӯ, мавзуъи таҳқиқот бо роҳу фаъолияти эҷодӣ, асарҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ мушаххас гардидааст.

Методологияи тадқиқоти диссертатсионӣ дар истифодаи ҳамҷояи соҳаҳои гуногуни илми мусиқӣ – мусиқишиносии назариявӣ ва

мусиқиишиносии таърихӣ, *асосан таҳлили асари мусиқӣ*, *таърихи мусиқӣ,* инчунин адабиётшиносӣ ва арӯз асос меёбад, ки судманданд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия хеле шаффоф мебошанд.

Се боби кори диссертатсионӣ ба мавзуҳои алоҳидаи марбут ба эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров бахшида шудаанд. Бо вуҷуди ин диссертант тавонистааст дар ҳар як боб инчунин вазъи рушди жанрҳои марбут ба мавзуи диссертатсияро дар мусиқии композитории тоҷик таҳлил намояд. Аз ин ҷост, ки ба боби якум дар баробари фасли «Роҳи эҷодӣ», зери фасли «Заминаи таърихии ҷустуҷӯҳои эҷодии Шуҳрат Ашӯров» зерфаслҳои «Опереттаи тоҷик: заминаи пайдоиш ва рушд» ва «Пешомадҳои рушди операи бачагона дар Тоҷикистон» ташаккул ва рушди ин жанрҳо дар осори композиторони Тоҷикистон мантиқан дуруст таҳлил гардидаанд. Бояд гуфт, ки оид ба ин жанрҳо дар мусиқишиносии тоҷик ҳанӯз очеркҳои мушаххас ҷо надоштанд. Диссертант кӯшиш кардааст, ки мавқеъи ин жанрҳои мусиқӣ-саҳнавиро дар мусиқии академии тоҷик муайян бикунад ва ба проблемаҳое, ки бо ривоҷу равнақ ёфтани онҳо вобаста аст, дар кори диссертатсионӣ равшанӣ биандозад.

Масалан, далолате, ки диссертант оид ба оперетта меоварад хеле қатъӣ диди ӯро ба вазъи ин жанр ифода менамояд. Диссертант қайд кардааст: « ... аз солҳои 40-уми асри XX дар мусиқии композитории тоҷик жанри *драмаи мусиқӣ* хеле фаъол гардид. Як навъи он *мазҳакаи мусиқӣ* маҳсуб меёбад. Ҳам драмаи мусиқӣ ва ҳам мазҳакаи мусиқӣ саршор аз номерҳои гуногуни мусиқӣ мебошанд. Ба ин жанрҳои мусиқӣ-саҳнавӣ истифодаи фаровони суруд, рақс, мусиқии созӣ хос аст. Ин хусусиятҳоро оперетта низ дорад. Ба андешаи мо сабаби асосии кам рӯ овардани композиторони тоҷик ба жанри опереттаи аврупоӣ дар он аст, ки дар фарҳанги тоҷик жанри ақрабоии он вуҷуд дошт. Ин жанрҳо драмаи мусиқӣ ва хусусан, мазҳакаи мусиқӣ мебошад. Имрӯз ҳам ин жанрҳо аз маҳбубтарин жанрҳои мусиқӣ-саҳнавии мардуми тоҷиканд» (дисс. саҳ. 21). Бояд қайд кард, ки ба чунин хулоса диссертант дар натиҷаи таҳлили ҳам вазъи оперетта дар Тоҷикистон ва ҳам муқоисаи диди мусиқишиносони ватаниву хориҷӣ омадааст. Ҷалб кардани диди таҳлилии дисертант ба ақидаҳои ҷойдошта дар илм яке аз хусусиятҳои хуби муҳаққиқи ҷавон ба шумор меравад. Дар баробари таҳлили матни асари мусиқӣ омухтани консепсияҳои илмии олимони дигари гуногунмиллат барои мусиқишиносии Тоҷикистон хеле судманд аст. Маҳз фарогирии васеъи илмӣ ва малакаи таҳлили онро бо матни асари мусиқавӣ илми муосир металабад. Аз ин ҷост,

ки диссертант натиҷаҳои таҳлилии худро бо ақидаҳои мусиқишиносони хориҷ М. О. Янковский, Г. М. Яром ва диг. ва муҳаққиқони Тоҷикистон Н.Ҳ. Нурҷонов ва М.М.Ҳасанова муқоиса намудааст.

Дар бораи операи бачагона низ хулосаҳои диссертант хеле ҷолибанд, аз ҷумла, «...дар умум, новобаста ба серкӯдакии оилаҳои Тоҷикистон композиторони тоҷик ба ин жанр хеле кам рӯ овардаанд; 3) операҳои бачагона кам садо медиҳанд» (дисс. саҳ. 24).

Хулоса, аз овардани чунин зерфаслҳо кори таҳқиқӣ пурратар гардидааст.

Ду фасли боби дуюм ба ду асари калонҳаҷми саҳнавӣ – оперетта ва операи бачагона бахшида шудааст. Диссертант ба ин боб унвони хеле ба мантиқ ва зеборо гузоштааст. Ӯ чунин мешуморад, ки аз ин ду асар метавон диди Шуҳрат Ашӯров ба жанри бузургҳаҷми мусиқӣ-саҳнавӣ дарёфт. Бинобар ин диссертант ҳарду асарро хеле муфассал таҳлил кардааст. Диссертант *услуби таҳлилии сохториро* интихоб кардааст, ки он дар мусиқишиносӣ яке аз услубҳои фундаменталӣ маҳсуб меёбад. Омили ин интихоб дар он аст, ки худи асарҳо дар сохтори номеравӣ эҷод шудаанд ва моҳияти онҳоро чунин услуб хуб равшан менамояд.

Дар рафти таҳлил диссертант нозукбинии композиторро дар интихоби сюжет қайд кардааст (дисс. саҳ. 28).

Опереттаи Шуҳрат Ашӯров, баъди эҷоди худ зуд ба саҳна гузошта шудааст. Вале диссертант онро аз рӯи дастнависи композитор таҳлил намудааст. Чунин муносибат нишон медиҳад, ки диссертант ба диди композитор такя мекунад, на ба диди басаҳнагузоранда.

Диссертант сохтори опереттаро иборат аз се саҳна дар се намоиш муайян карда, таркиботи онро фарогири интродуксия, диалогҳои гуфтугӯӣ, суруд, речитатив, дуэт, дуэт-диалог, дуэт-бадеҳа, саҳнаҳои рақсӣ, хорӣ ва оркестрӣ мешуморад (дисс. саҳ. 29). Сипас, таҳлили муфассали мусиқишиносии оперетта ба амал овардааст. Ба дастовардҳои таҳлили диссертант дар оперета онро мансуб донистан мумкин аст, ки ӯ сохтори Интродуксияи онро дуруст муайян карда, функсияи онро дар оперетта нишон дода, аз оҳангҳои ҷойдошта Интродуксия тавонистааст услуби эҷодии композиторро аён намояд. Дар ин равол диссертант истифодаи принсипи лейтмотивиро дар эҷоди оперетта муайян намуда, ба ҳар як лейтмотив тибқи мазмун ва функсияи он номгузорӣ намудааст, аз ҷумла, «лейтмотиви ҷавонӣ», «лейтмотиви ҷасурӣ», «лейтмотиви ишқу муҳаббат» ва «лейтмотиви зафари ҷавонӣ». Чунин номгузорӣ хатҳо ва сатҳҳои

драматургии опереттаро хеле равшан аён менамояд. Бо ин унвонҳо диссертант гурӯҳи образҳои опереттаро низ муайян намуда, бо консепсияи композитор онҳоро мутобиқ гардонидааст.

Дар таҳлили оперетта диссертант на танҳо нақши номераҳои мусиқавӣ, балки оркестриро низ дар драматургияи асар таъкид мекунад. Истифодаи ин навъи таркибиро дар ду омил овардани диссертант ҳам қонеъкунанда аст.

Дар рафти таҳлил диссертант ҷанбаи нақши мусиқии тоҷик дар мусиқии опереттаро муфассал таҳлил намудааст ва бо ин васила ба забони тоҷикӣ талқин додани жанри аврупоиро аз тарафи композитор дуруст таъкид намудааст.

Дар умум диссертант жанри опереттаи композитор Шуҳрат Ашӯровро опереттаи классикӣ мешуморад. Барои ин гуфтаи худ далелҳои зеринро овардааст, ки дар он композитор сохтор ва жанрҳои таркибии опереттаи классикиро истифода бурдааст (дисс. саҳ. 155), иштироки фаъолу баробарҳуқуқи номераҳои вокалӣ ва созиро таъмин намудааст (дисс. саҳ. 155), дар Интродуксияи оперетта ғояи асосии онро хеле пурҷило намудор гардонидааст (дисс. саҳ. 155), нақши оркестрро хеле фаъол нишон додааст, аз ҷиҳати жанрӣ ҳам композитор номераҳои яккаву ансамблиро бо саҳнаҳои гуфтугӯӣ пайиҳам ҷо карда, барои ба даст овардани мавзунии сохториву мазмунӣ ягона хори опереттаро дар хотимаи он ҷой додааст (дисс. саҳ. 155).

Ва ниҳоят онро низ бояд зикр кард, ки новобаста ба ҷо надоштани ягона иқтибосе аз мусиқии халқӣ, диссертант дар он равонаву уфару суруди лирикии мақомиро дарёфт менамояд. Аз ин бармеояд, ки диссертант дар оперетта иқтибоси оҳангӣ неву иқтибоси жанриро дидааст.

Ҳамчун хулоса, гуфта метавонам, ки он таҳлили оперетта, ки аз тарафи диссертант ба амал оварда шудааст, барои дарки дурусти консепсияи композитор мусоидат менамояд. Бояд гуфт, ки вазифаи таҳқиқи асари мусиқӣ дар ҳамин аст. Ва онро диссертант хуб дарк кардааст.

Таҳлили операи бачагонаро низ диссертант аз дастхати композитор иҷро намудааст. Бинобар ин, дар баробари сохтори опера (иборат аз се намоиш ва ҳафт саҳна), диссертант тибқи хати драматургӣ *гиреҳбасти драматургӣ* ва *гиреҳкушои драматургии* операро низ муайян кардааст. Бояд гуфт, ки истилоҳҳои «*гиреҳбасти драматургӣ*» ва «*гиреҳкушои драматургӣ*», ки дар соҳаи драматургияи опера истилоҳоти асосӣ қабул шудаанд, дар мусиқишиносии тоҷик шояд нахустин бор тарҷумаи худро ёфтаанд. Ва дар ҳақиқат дар чунин тарҷума ба забони тоҷикӣ онҳо функсияҳои асосии худро амиқ ифода мекунанд.

Дар рафти таҳлил диссертант ҳар як қайди муаллиф-композиторро мушаххас нишондод намуда, онро баҳогузорӣ намудааст. Аз ҷумла, диссертант қайд менамояд, ки «Опера аз сарахбори оркестрӣ оғоз меёбад. Унвони «сарахбор»-ро композитор гузоштааст» (дисс. саҳ. 52). Ва соният, диссертант аз номи худ илова менамояд, ки «Феълан он функсияи интродуксияро иҷро мекунад» (дисс. саҳ. 52). Қайд кардан лозим аст, ки ин зуҳуроти як эҳтироми бузург аст нисбат ба муаллифи асар ва аз этикаи баланди муҳаққиқ далолат медиҳад.

Дар рафти таҳлили операи бачагона диссертант хусусиятҳои зерини услубҳои ҳалли композитсионии композиторро қайд мекунад: романсҳои лирикии тоҷик бо забони оҳангии навъи речитативӣ, нутқ (гуфтугӯ бо худ), бо рушди хати ягонаи драматургӣ, тагнавозии яковозаи «гитормонанди триолӣ» (дисс. саҳ. 55), номераҳои оркестрии образҳои ғайривоқеӣ бештар тасвирӣ буда, дар опера бидуни ягон дигаргунӣ такрор мешаванд (дисс. саҳ. 58), дар атрофи фосилаҳои коста ва афзуда сохтани образи ҷодугарӣ (дисс. саҳ. 60) ва дигар.

Хулоса, хусусиятҳои опера чунинанд: якум диссертант дар операи бачагона 14 лейтмотивро муайян карда, функсияи онҳоро хеле пурмантиқ бо табиати жанри асари операвӣ пайвастааст: «Персонажро ба шунаванда тавассути «оҳанг»-аш шиносонида, бо ин васила композитор ба қабули саҳеҳтари опера мусоидат мекунад» (дисс. саҳ. 153). Ӯ чунин мешуморад, ки композитор системаи лейтмотивиро *огаҳона* ба қабули бачагон, шунавандагони операи бачагона, мутобиқ гардонидааст.

Дар тули кори таҳқиқӣ диссертант якчанд маротиба аз тарафи композитор *мутобиқ кардани ҳамаи василаҳоро ба табиат ва шунавандагон* қайд мекунад. Ба ин гуфтаи худ масалан, ӯ ба манфӣ ва мусбӣ тақсим накардани персонажҳои операро тааллуқ медонад (дисс. саҳ. 153). Ҳарчанде дар сюжет образҳо ба мусбӣ ва манфӣ хеле равшан тақсим шудаанд. Диссертант ҳатто таъкид мекунад, ки «чунин тақсимотро композитор ба табиати жанри операи худ раво намебинад. Композитор жанри операи худро ба эътибор гирифта, кӯшиш мекунад, ки ҳамаи қаҳрамононро то охири опера ба қаҳрамонҳои мусбӣ табдил диҳад» (дисс. саҳ. 154). Дар раванди ҳалли драматургӣ диссертант хори хотимавиро ҳамчун василаи асосӣ шуморидааст. Ӯ қайд кардааст, ки маҳз дар он композитор ду гурӯҳи образҳоро бо якдигар оштӣ кардааст. Хулосаи диссертант дар парастидани некиву накукории композитор аст (дисс. саҳ. 154).

*Дуюм омилро* дар тақсим кардани образҳои опера ба персонажҳои воқеӣ ва персонажҳои афсонавӣ дидааст (дисс. саҳ. 154).

Сеюм - дар сохтори номеравӣ навишта шудани операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин»-ро мешуморад. Ба андешаи диссертант сохтори номеравӣ имконият медиҳад, ки ҳар як образ хеле равшан, саҳеҳ ва мустақил пешниҳод шавад. Ва бо истифодаи сохтори интихобӣ композитор ҳар як номераро хеле кӯтоҳ бо истифодаи шаклҳои одии сохторӣ овардааст (дисс. саҳ. 154).

Омили *чаҳорумро* диссертант дар хеле мақсаднок истифода бурдани воситаҳои садоӣ дидааст: «Дар мусиқии опера композитор имкониятҳои садоиро хеле хуб истифода бурда, мусиқиро серранг, барои бачаҳо мутобиқ намудааст. Бинобар ин операи бачагона тибқи талаботи жанрии худ пурҳаракату ҷолиб баромадааст» (дисс. саҳ. 155).

Ба ин хулосаҳои диссертант бояд илова кард, мусиқӣ, ки василаи асосии садоиро дорад, барои шунавандаи хурдсол ҳам маҳз тавассути садо таъсирбахшӣ менамояд. Вале таъкиди диссертант аз ин нест. Ӯ дар бораи истифодаи устодонаи композитор баҳри кушодани мазмуну ғояи асосии опера сухан гуфтааст. Ва бо ин гуфтаҳо паҳлуи дигари оҳангофарии композитор Шуҳрат Ашӯровро кушодааст.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ бо номи «Консепсияи эҷодии Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-хорӣ» диссертант осори композиторро тибқи жанрҳои фарогирифта фаслбандӣ намудааст. Барои ин диссертант аввало жанрҳои асарҳои вокалии Шуҳрат Ашӯровро муайян карда, сониян, онҳоро гуруҳбандӣ намуда, баъдан таҳлили онҳоро ба амал овардааст. Ҳамин тариқ, дар диссертатсия жанрҳои суруди якка, романс, суруд барои яккахон ва хор, суруди хорӣ ва хори а' капелла дида баромада шудаанд.

Дар таҳлили осори вокалӣ диссертант дар бораи муносибати огаҳона ва мақсадноки композитор ба матни шеърии суруд таъкид намудааст. Ба гуфтаи диссертант композитор бо шоир дар рафти таълифи шеър ҳамкориро сар мекард. Аз ин аст, ки аксарияти муаллифони шеъри сурудҳои Шуҳрат Ашӯров шоирони муосиранд. Новобаста аз чунин ҳамкорӣ диди шоир ва композитор дигар буда метавонад. Бинобар ин, композитор матни шеърии шоирро тез-тез иваз мекард. Ва ин ивазшавӣ то дараҷаи жанрӣ мерасид. Байни сурудҳои Шуҳрат Ашӯров диссертант табдилшавии рубоиро ба мусаммат, чаҳорпораро ба сохтори куплетӣ, рубоиро ба тарҷеъбанд, шеъри навро ба мусаммат ва ҳоказоро мушоҳида карда, таҳлили пурраи сурудҳоро пешниҳод кардааст. Диссертант муносибати композиторро бо ду сабаб хулосабарорӣ мекунад:

1) мутобиқ кардани шеъри шоир ба жанри мусиқӣ;

2) истифодаи фаровони имконоти василаҳои мусиқавӣ (дисс. саҳ. 150-151). Вале бо вуҷуди ин, композитор дар рафти эҷоди суруд баҳрии мавзунии композитсионӣ ба суруд унсурҳои зиёди оҳангӣ, зарбӣ ва агогиро ворид мекунад. Ин натиҷагирии диссертант аз он аст, ки ба ақидаи ӯ композитор дар ҳар як суруд консепсияи композитсионӣ-драматургии фардиро интихоб мекунад. Масалан, диссертант нозукбинӣ ва зебоипарастии композиторро дар чунин амалҳои эҷод қайд мекунад.

Дар ривоҷу равнақ додани унсурҳои оҳангӣ-лаҳнӣ диссертант як нуктаро хеле устуворона таъкид кардааст: дар мажор хотима додани асарро. Ӯ аён менамояд, ки «диди некбинонаи композитор» доимо ӯро маҷбур месозад, ки  сурудҳои минориро дар ибора ё аккордҳои мажорӣ ба анҷом бирасонад (дисс. саҳ. 150).

Ҳамин тавр, диссертант осори вокалии композитор Шуҳрат Ашӯровро бо қайди доираи васеи мазмуниву жанрӣ, пешниҳоди баланди касбӣ натиҷагирӣ намудааст. Ба гуфтаи диссертант мавзунии композитсионӣ-драматургӣ барои композитор дар мадди аввал меистад. Дар асарҳои вокалӣ бо вуҷуди фарогирии фарохии жанрӣ бартарии суруди ватанпарастиро диссертант қайд мекунад. Бояд гуфт, ки диссертант бойгонии вокалии композиторро пурра таҳлилу таҳқиқ намуда, ҳар як асарро муфассал дар калиди таҳлили мусиқишиносӣ пешниҳод намудааст.

Хонандаи таҳқиқот аз мутолиаи кори диссертатсионии Эмомалӣ Абдуллозода фаҳмиши пурраро дар бораи саҳми композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанри вокалиро пайдо мекунад.Умедворем, ки бо чунин саъю ғайрат диссертант дар идома асарҳои созии композиторро низ таҳқиқ бикунад, то ки эҷодиёти ин композитори болаёқат дастраси ҳам толибилм ва ҳам пажуҳишгар бигардад.

Дар баробари чунин арзёбӣ кардани кори таҳқиқоти ба диссертант якчанд эроду саволҳоро пешниҳод менамоям.

1. Диссертант қайд кардааст, ки дар опера композитор образҳои манфиро танҳо бо оркестр тасвир кардааст. Ӯ қайд намекунад, ки ин анъана аз куҷо бармеояд.

2. Аз ин ақидаи диссертант саволи дуюми ман бармеояд: дар операи кадом композитори тоҷик ин услуб мушоҳида мешавад?

3. Шуҳрат Ашӯров, ҳамзамони Шумо буд, бо кадом хусусиятҳои худ Шуморо мафтун гардонида буд?

4. Таваҷҷуҳ ба эҷодиёти Шуҳрат Ашӯров ташаббус ва иқдоми шахсан Шумо аст ё бо ягон каси дигар?

5. Дар оперетта ва опера композитор кадом услубҳоро, ки дар мусиқишиносӣ ба ҳайси услубҳои таҳлилии сирф операвӣ маълум гардидаанд, истифода бурдааст?

Гуфтаниям, ки мутолиаи кори диссертатсионӣ дар кас эҳсосотро пайдо мекунонад, ки диссертант ба композитор эҳтироми хеле бузург дорад. Дар баробари ин, таҳқиқи диссартатсионӣ дар сатҳи хуби касбӣ бо таҳлили пурраи мусиқишиносӣ навишта шудааст.

Ҳамчун муқарриз саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро қайд намудан лозим аст, зеро ки диссертант кори таҳқиқии авалинро дар бораи композитор Шуҳрат Ашӯров иҷро кардааст. Феълан ин кори бузург аст. Беҳуда нест, ки дар кори диссертатсионӣ он дараҷа ба дараҷа ба таври хеле муфассал чунин қайд шудааст: « ... осори парокандаи композитор Шуҳрат Ашӯров ҷамъ карда шуда, асарҳои вокалии композиторро дар як маҷмуаи нотавӣ ба чоп омода сохта, доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Шуҳрат Ашӯров маводи мушаххас ба даст оварда, ба нотачинӣ ва дар шаклҳои партитураву клавир омода кардани опереттаи «Кони пурганҷ», операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин», балети «Зол ва Рудоба» дар доираи лоиҳаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов мусоидат намуда, маводи таҳлилшударо ба ҷараёни таълим бевосита ворид карда, доир ба сабки эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров нахустин таҳқиқотро пешниҳод намудааст (дисс. саҳ. 8). Дар баробари чунин корбарӣ диссертант ҳамасола натиҷаҳои таҳқиқоташро дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ, форумҳои байналмиллалӣ, лекторияҳои мусиқишиносӣ ва барномаҳои телевизионӣ пешниҳод ва муҳокима гардонидааст.

Таҷрибаи хуби диссертант дар маводи чопии ӯ низ мушоҳида мешавад. Зеро ки 12 мақолаи илмии муаллиф, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, омода кардани маҷмуаи нотавии «Шуҳрат Ашӯров. Асарҳои вокалӣ» (бо фарогирии 29 асари вокалии якка ва хорӣ) худ саҳми арзанда аст дар пажуҳиши фаъолияти эҷодӣ ва асарҳои композитор.

Дар умум, диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло таҳқиқоти мустақил, мукаммал ва аз нигоҳи илмӣ арзишманд ва ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ мебошад. Онро ҳамчун саҳми мушаххас ба мусиқишиносии Тоҷикистон арзёбӣ менамоям. Автореферат ба таври комил муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст. Тарҷумаи русии он комилан бо

асли тоҷикӣ як аст. Дар мавриди мавзуи интихоби унвонҷӯ ҳаминро бояд қайд кард, ки он пурра ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар мавзуи **«Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои таърих, мусиқишинос,
ходими калони илмии шуъбаи таърихи санъати
Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Ҳасанова М.М.
«10» июни соли 2026

Суроға: 734001,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ
E-mail: mahzurah2@mail.ru
Тел.: (+992) 900195196

«Имзои М.М. Ҳасановаро тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии АМИТ Файзуллоева Г. Қ.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 734001,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
E-mail: itaijt51@mail.ru
Тел.: (+992) 221 42 37
«11» июни соли 2026